# ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Султонзода Беҳзод Султонӣ дар мавзӯи «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX-ибтидои асри XX) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод гардидааст.

Тавре ки муаллифи диссертатсия дуруст тасдиқ мекунад таъсиси ҳар давлат дар ҳар замоне бо мавҷудияти лашкар иртиботи ногусастанӣ дорад. Лашкар, ҳамон тавре ки дар саҳифаҳои таърих мушаххас аст, яке аз сифатҳои азалии муайянкунандаи давлат, муҳимтарин бахши дастгоҳи идорӣ, мудофеъ ва пуштибони он аз хатарҳои дохилӣ ва хориҷӣ маҳсуб мешавад. Дар ҳар ҷомеаи табақотӣ лашкар як вижагии органикии давлат ва абзоре барои татбиқи сиёсати он аст. Дар дарозои таърих лашкари ҳар давлат дорои шаклҳои хоси созмондеҳӣ, равишҳои мудирият, таъминот ва усулҳои омӯзиши мушаххасе мебошад. Таҳқиқ ва омӯзиши ин рукни давлатдорӣ, яъне лашкар, усулҳои созмондиҳӣ ва мудирияти он дар давраҳои пасини феодалӣ дар аморати Бухоро аз аҳамияти муҳими илмӣ ва омӯзишӣ бархӯрдор аст. Дар замони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити хосе барои омӯзиши таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлатҳои давраи пасини муносибатҳои феодалии Осиёи Миёна фароҳам омадааст. Бо дарназардошти зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи халқи тоҷик дар садаҳои миёна ва пасин мавзӯи лашкардорӣ, нақши лашкар дар умури сиёсӣ ва идории давлат ва мақоми он дар давлатҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX аҳамияти хос пайдо мекунад. Аморати Бухоро яке аз се давлате буд, ки баъди пош хӯрдани давлати Аштархониён дар Осиёи Миёна ташкил шудааст. Баъди ба сари қудрат омадани сулолаи манғитиён дар Бухоро халқи тоҷик чун мардуми бумии ин давлат дар идораи ҳукумат, ҳаёти иқтисодӣ ва мадании он ширкати мустақим дошт.

Аморати Бухорои аҳди манғитиён мусалламан дорои низоми хоси давлатӣ ва лашкар буд. Ин мавзӯъ дар асарҳое, ки ба баррасии таърихи ин замон ихтисос ёфтаанд, то ҳадде матраҳ шудааст. Аммо то кунун ба тариқи маҷмӯӣ масъалаи лашкар, ҳайати он, рисолати ин лашкар ва мудирияти он дар аморати Бухорои ин давр таҳқиқи ҳамаҷониба нашудааст. Бо дарназардошти ин зарурат дар ин диссертатсия масоили ташкили артиши муназзам дар аморати Бухоро, анъанаи лашкардорӣ ва навовариҳо дар мудирияти он, таъмини лашкар бо аслиҳаи ҷангӣ, идораи лашкари аморат, рутбаҳои ҳарбӣ ва уҳдадориҳои соҳибмансабони лашкари аморат дар замони таҳти васояти Россия будани аморати Бухоро мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд, ки мубрам будани омӯзиши ин масъаларо равшан мекунанд.

Бори нахуст мавзӯи илмии мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври умумӣ ва ҳарҷониба баррасӣ ва таҳқиқ гардидааст, ки дар дар иртибот бо омӯзиши ин мавзӯъ доир ба афкори ҳарбӣ ва низомии халқи тоҷик дар замони мавҷудияти аморати Бухоро, идора ва сохтори он, унвон ва амалҳои ҳарбӣ фикр ва мулоҳизаҳо баён шудаанд. Мақом ва иштироки мардуми тоҷикзабон дар воқеаҳои сиёсии давр, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат, ҳаёти фарҳангии кишвар нишон дода шудааст.

Дар диссертатсия бо истифода аз маълумоти маъхазҳои хаттӣ, бойгонӣ, ахбори мухталифи таҳқиқот ва асарҳои муаллифони гуногун ба таври васеъ лашкар, қоидаҳои низоми ҳарбӣ ва таъминоти ҳарбии аморати Бухоро дар иртибот бо ҳолат, идора ва анъанаҳо мавриди баррасӣ қарордода шудааст.

Диссертатсия дорои аҳамияти илмии назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси таърихи сиёсӣ ва ҳарбии аморати Бухоро дар замони вассалии Россияи подшоҳӣ кӯмаки воқеӣ расонанд. Аз маводи дар диссертатсия овардашуда аз натиҷа ва хулосаҳои он метавон дар мавриди таҳия ва хондани маърузаҳо,

гузаштани дарсҳои амалӣ ва семинарҳо, корҳои мустақилонаи донишҷӯён, навиштани диссертатсия ва монографияҳо, китобҳои дарсӣ, услубӣ ба таври васеъ истифода намуд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Султонзода Беҳзод Султонӣ «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX-ибтидои асри XX) аз ҷумлаи таълифоти илмии комилан мустақилона ва нав буда, сазовори он аст, ки муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мушарраф гардад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои таърих, Ғаффорӣ Нуъмонҷон Усмонзода

“25” ноябри соли 2021